FROM : FAX NO. : May. 30 2006 04:48AM P1

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗИ

ш. Душанбе, 734025, хиёбони ба номи Рудаки, 44

РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН

МИНИСТЕРСТВО СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА

734025,г. Душанбе, проспект Рудаки 44

№ 1/921 аз «30 05» с 2006

Ба Вазорати Ҳолатҳои Фавкулодда ва мудофиаи гражданӣ

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки обу ҳавои соли ҷорӣ барои паҳншавӣ ва афзоиш ёфтани малаххо шароити мусоид фароҳам овард. Мутахассисони Муассисаи давлатии муҳофизати растаниҳо ва химикунонии кишоварзӣ дар моҳҳои март-майи соли ҷорӣ дар масоҳати 62240 гектар корҳои таҳқиқотӣ гузарониданд, аз он ҷумла дар вилояти Хатлон дар 19640 гектар, вилояти Суғд дар 26000 гектар, дар ноҳияҳои тобеъи Ҷумҳурӣ дар16600 гектар.

Аз сабаби якбора гарм шудани ҳаво дар талу теппаҳо, кӯҳсорҳо алафҳо хушк гардиданд, ки дар натиҷа аз давлати исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки муқобили малаххо коркард гузаронида нашуда буд, парвози малаххо ба ҷумҳурии мо ба амал омад, ки онҳо ба ноҳияҳои сарҳадӣ ва дигар ноҳияҳо ба монанди, Панҷ, Қумсангир, Хуросон, Рӯдакӣ Варзоб, Вахш парвоз карда, ба як қатор киштзорҳо зарар расонида истодаанд.

Мувофиқи фенология ва инкишофи малаххо дар 4-5 сол як маротиба зиёд паҳн шудани малаххо мушоҳида мешавад. Масалан, соли 1996 ҳамин хел шуда буд. То соли 2004 бо дастгирии ташкилотҳои байналмиллалии CAPE ва ФАО бар зидди малаххо мубориза бурда мешуд.

Инак, дар соли 2006 боз паҳншавии васеъи малаххои зараровар ба амал омада аст ва ба муқобили онҳо коркарди кимиёвӣ гузаронида мешавад.

То 29 майи соли 2006 малах дар майдони 39140 га паҳн шуд, ба муқобили паҳншавии он дар майдони 11023 га коркарди кимиёви гузаронида шуд. Коркарди химиявии зидди малаххо хусусан дар

вилояти Суғд, ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон давом карда истодааст.

Аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои коркарди зидди малах доруи Фастак-275 литр, Фюри-475 литр, Барер-2590 литр, Делтаметрин-250 литр харида шуда, ба хоҷагиҳои ҷумҳурӣ расонида шудааст.

Азбаски малахҳо ба синни балоғат расидаанд, ҳоло тухммонии онҳо рафта истодааст. Ин боиси дар соли оянда дар масоҳати калон паҳн шудани малах шуда метавонад, ки барои пешравии соҳаи кишоварзӣ хавфи калон дорад.

Бинобар ин аз ҳоло мо бояд пеши паҳншавии малахро дар оянда гирем.

Барои пешгирии саривақтӣ ва мубориза бурдан ба муқобили малахҳо дар ҷумҳурӣ аз рӯи ҳисобу китоби мутахассисон зарур аст,ки аппаратҳои пуриқтидори аэрозолӣ-ГРД-6 адад, аппаратҳои «Микро-УЛЬВА»-3000 адад, заҳрхимикатҳо-60 тонна, либосҳои махсус-3500 ҷуфт муҳайё карда шаванд.

Бояд 1000 нафар коргарон барои мубориза бо малах тайёр карда шаванд ва онҳо бо шароити мувофиқи корӣ таъмин гарданд. Ҳамчунин 100 тонна сӯзишвории дизелӣ ва карбюраторӣ лозим аст, ки ин ҳама маблағи калонро талаб мекунад.

Дар сурати муҳайё шудани ин шароит ва дорую асбобҳои махсус, мо метавонем пеши паҳншавии малахҳоро гирем.

Ҷадвали паҳншавии малахҳо, таҳқиқоти гузаронидашуда ва коркарди зидди малахҳо замима мешаванд.

Вазир В.Мадаминов

## МАЪЛУМОТИ ФАВРӢ

### Оиди таҳқиқот ва пайдоиши малахҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то 30-юми маи соли 2006.

(гектар)

| Номгӯи вилоят ва ноҳияҳо | таҳқиқот аз рӯи нақша | Дар амал таҳқиқот гузаронида шудааст. | Майдони умумии паҳнгаштаи малахҳо | Коркарди химиявӣ гузаронида шудааст. |
|---|---|---|---|---|
| Турсунзода | 17000 | 5400 | 2700 | - |
| Шаҳринав | 3000 | 3800 | 2800 | 260 |
| Ҳисор | 13000 | 2400 | 1600 | 425 |
| Рӯдакӣ | 27500 | 4300 | 1200 | 100 |
| Варзоб | 1000 | 700 | 440 | - |
| Нуробод | - | - | - | - |
| Ҷиргатол | 7000 | - | - | - |
| Ҷамъи ноҳ.тоб.ҷумҳур. | 68500 | 16600 | 8740 | 785 |
| Шаҳритус | 7000 | 5000 | 3500 | 150 |
| Панҷ | 6000 | 3400 | 900 | 100 |
| Хуросон | 2000 | 2500 | 2400 | 1000 |
| Қабодиён | 11000 | 900 | 300 | |
| Данғара | 7000 | 1500 | 560 | |
| Фархор | 8000 | - | - | |
| Муминобод | 7000 | - | - | |
| Колхозобод | 3500 | 1100 | 800 | |
| Қумсангир | 11000 | 3300 | 1500 | 50 |
| Ҷиликул | 4000 | 700 | 440 | |
| Н.Хисрав | 5000 | 1240 | 1000 | 410 |
| Ҷамъи вилояти Хатлон | 71500 | 19640 | 11400 | 1710 |
| Ҷамъи Вилояти Суғд | 32200 | 26000 | 19000 | 8528 |
| Ҷамъи умумии ҷумҳурӣ: | 172200 | 62240 | 39140 | 11023 га |

FROM : FAX NO. : May. 30 2006 04:57AM P1